# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Соҳаи саноати кондитерӣ ва хӯрокаи Тоҷикистон ҳамасола ба миқдори зиёди дони чормағзи заминӣ эҳтиёҷ дорад, ки таъминоти он аз дигар давлатҳо роҳандозӣ шуда истодааст. Бинобар ин, масъалаи баланд бардоштани ҳосилнокии дони зироатҳои равғандиҳанда, аз ҷумла чормағзи заминӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаби соҳаи саноати аграрӣ ба шумор меравад.

Парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ пас аз ҷамъоварии зироатҳои ғалладонагии кишти тирамоҳӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, донаш барои истеҳсоли равғани растании истеъмолӣ ва хӯрока, тайёр намудани маводҳои қаннодӣ ва баргу пояаш ҳамчун хӯрокаи серғизои чорво истифода бурда мешавад.

Бегназаров Д.Б., бори аввал дар шароити заминҳои обӣ, технологияи парвариши чормағзи заминӣ, аз ҷумла муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳоро дар кишти ангорӣ таҳқиқ намудааст, ки ба рӯёнидани ҳосили фаровони дон, анбӯҳи сабз ва истеҳсоли равғани растании ватанӣ равона гардидааст.

Диссертант пешниҳод менамояд, ки дар шароити камзамини ҷумҳурӣ барои истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда кишти чормағзи заминии навъи "Тоҷикӣ-15" дар кишти ангорӣ дар даҳрӯзаи якӯми моҳи июн бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 га ё 7 дон дар 1 метри тулони амалӣ карда шавад. Ин усули агротехники имконият медиҳад, ки 32,9 с/га ҳосили ғилофак ва 20,4 с/га дон гирифта шуда, руёнидани 900 кг равғани растании истеъмолиро таъмин менамояд.

Автореферати диссертатсия ва маводи чопшуда инъикоскунандаи мазмуни асосии кори анҷомдодашуда ба ҳисоб меравад. Дар маҷмӯъ вобаста ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро шуда, муаллифи он шоистаи сазовор гардидаан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи

ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Дотсенти кафедраи биохимия ва генетика Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои биологӣ, Савлатов С.Ҳ

Имзои Савлатов С.Ҳ - ро тасдиқ мекунам:
Суроға: 734020 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: (+992) 919963811

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Назаров Д.